Протоколи № 10/5-4
Маҷлиси васеи Шурои олимони факултети филологияи тоҷики
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

аз 26-уми майи соли 2022 ш.Душанбе

**Иштирок доштанд:** 14 нафар аъзои Шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва муқарризони даъватшуда иборат аз 2 нафар. Пешниҳод шуд, ки маҷлис кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона рӯзнома қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:**

1. Баррасии диссертатсияи аспиранти кафедраи забони тоҷикӣ Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна дар мавзуи «**Ҷанбаҳои назариявии ономастикаи осори бадеӣ (дар мисоли осори Аҳмади Дониш)**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси Шурои олимони факултети филологияи тоҷики ДДЗТ ба номи С.Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Абдураҳимов Б.А. баромад намуд. Мавсуф дар бораи аризаи унвонҷӯ Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна доир ба таъйини муқарризони холис барои ташхиси диссертатсия суханронӣ намуд.

Ҷаласаи Шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пас аз баррасии масъалаи мазкур ва дар асоси фикру андешаҳои баёнгардида,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1.Диссертатсияи аспиранти кафедраи забони тоҷикӣ Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна дар мавзуи «**Ҷанбаҳои назариявии ономастикаи осори бадеӣ (дар мисоли осори Аҳмади Дониш)**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон ҷиҳати баррасӣ ва гузаронидани экспертиза дар ҷаласаи васеи Шурои олимони факултет қабул карда шавад.

2.Муқарризони холис дар ҳайати мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

2.1 Гадоев Нурхон – доктори илмҳои филология, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

2.2. Соҳибназарова Хавасмоҳ Тиллоевна–номзади илмҳои филология, дотсент, мудири кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Қарор кабул карда шуд: якдилона

Раиси маҷлис: Абдураҳимов Б. А.

Котиби маҷлис: Ашӯрова М.Б.

ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА
ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ТОҶИК